**Суратмаҷлиси №11-и**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069 назди

Донишгоҳ давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

аз 4-уми июни соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз
15 нафар аъзои шуро
12 нафар

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Қабул намудани диссертатсияи **Рустоӣ Мирзо Муҳаммад** дар мавзуи **«Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессор **Худойдодов Аъзам Овлододович**) ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Салихов Ш.А. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ Қурбонзода Р.Қ. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад ба талаботи Низомномаи

шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Рустоӣ Мирзо Муҳаммад** дар мавзуи **«Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- **Сироҷиддини Эмомалӣ**, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- **Қурбонзода Р.Қ.** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, аъзои комиссияи экспертӣ;
- **Рустамова Г.Р.** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, аъзои комиссияи экспертӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Салихов Шамсиддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Қурбонзода Рухшона